Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734067. ш.Душанбе, к.Нахимов 64/14)

**Тақризи**

Муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов Зубайдулло ба диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

***Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм***

Диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст дар доираи шиносномаи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба бандҳои 8.4. Механизми гардиши пули накдӣ ва ғайринакдӣ, 8.8. Ташкили низоми самараноки пардохтӣ ва афзорҳои ҳаллу фасли буҳрони пардохтӣ. 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқисоди бозорӣ, 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ, 10.15. Коркарди амсилаҳои муйян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ, 10.22. маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ, 11.8. Таҳқиқи таъсири танзими пулию қарзӣ ба равандҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар иқтисодиёт мувофиқат мекунад.

***Робитаи таҳқиқот ба барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ.***

Таҳқиқоти Аъзамова Т.Т. дар мавзуи «Рушди инноватсонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» дар доираи як қатор барномаву стратегияҳои соҳавӣ, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринакдӣ, рушди низоми пардохти ба истифодаи пулҳои электронӣ, супоришҳо ва фармони Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқи вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ» аз 22 июни соли 2023, таҳти рақами 586, Стартегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иҷро шудааст.

*Мубрамии мавзуи диссертатсионӣ.*

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва рақобати босуръати бозорҳои молиявӣ, яке аз самтҳои муҳим ва муҳими рушди устувори иқтисодӣ – ин инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ мебошад. Имрӯз, дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаи бонкдорӣ ба яке аз муҳимтарин бахшҳои иқтисод табдил ёфтааст, ки дар он на танҳо устувории молиявӣ, балки сатҳи технологияҳои муосир, эътимоди мизоҷон ва имкониятҳои рақобатпазирии миллӣ ифода меёбад.

Мавзуи рушду такмили хихзматрасониҳои бонкӣ дар заминаи инноватсонӣ аз он ҷиҳат мубрам аст, ки иқтисоди муосир бе татбиқи технологияҳои навин, усулҳои рақамӣ ва моделҳои муосири идоракунии молиявӣ наметавонад самаранок фаъолият кунад. Аз ҳамин сабаб, татбиқи инноватсияҳо дар соҳаи бонкдорӣ ҳамчун омили калидӣ барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, кам кардани хароҷот, суръат бахшидани амалиётҳои молиявӣ ва фароҳам овардани шаффофияти равандҳои иқтисодӣ арзёбӣ мешавад.

Аз нуқтаи назари илмӣ, рушди инноватсияи соҳаи бонкдорӣ дар Тоҷикистон ба омилҳои зерин вобаста аст: сатҳи рақамисозии иқтисод, дастрасӣ ба шабакаҳои интернетӣ, сатҳи саводнокии молиявӣ, сиёсати молиявии давлат ва ҳамчунин рақобати дохилӣ байни бонкҳо. Бонкҳое, ки қабл аз дигарон технологияҳои навро ҷорӣ мекунанд, тавонистаанд, ки ҳиссаи бештаре аз бозорро соҳиб шаванд ва ба як бренди эътимоднок барои мизоҷон тибдил ёбанд.

Барои мисол, солҳои охир бъзе аз бонкҳои пешсафи кишвар, мисли «Амонатбонк», «Эсхата Бонк», «Спитамен Бонк» ва «Имон Интернешнл» ба таври фаъол системаи пардохти бидуни накд, барномаҳои мобилии худ ва усулҳои нави идоракунии муносибатиҳои мизоҷиро ҷорӣ кардаанд. Ин амал на танҳо нишодиҳандаи рушди технологӣ аст, балки далели он мебошад, ки соҳаи бонкдорӣ дар Тоҷикистон оҳиста-оҳиста ба сатҳи байналмилалӣ наздик мешавад.

Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки рушди инноватсонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ танҳо бо ворид кардани таҷҳизот ё барномаҳои нав ба анҷом намерасад. Ин раванд бояд бо тағйирёбии сохтори идоракунӣ, сиёсати кадрӣ, таълими кормандон ва беҳтарсозии муҳити ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ ҳамроҳ бошад. Зеро технологияи нав танҳо дар сурате самарнок хоҳад буд, ки агар кормандони бонкҳо қобилияти истифода ва мутобиқшавӣ ба онро дошта бошанд.

Ғайр аз ин, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёбии доимии талаботи мизоҷон, бонкҳо бояд на танҳо ба ниёзҳои кунунӣ ҷавоб диҳанд,

балки ҳамеша пешбинӣ кунанд, ки дар оянда бозор ба чӣ ниёз хоҳад дошт. Дар ҳамин замина, татбиқи технолгияҳои зеҳни сунъӣ (AI), блокчейн, системаҳои амнияти киберӣ ва таҳлили маълумот (Big Data) метавонанд самтҳои калидии рушди минбаъдаи соҳаи бонкдорӣ дар Тоҷикистон шаванд.

Илова бар ин, рушди хизматрасониҳои бонкӣ бояд бо сиёсати давлатии дастгирии иқтисоди рақамӣ мувофиқат дошта бошад. Бояд қайд кард, ки рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон бо як қатор мушкилот ва маҳдудиятҳо низ рӯ ба рӯ аст. Яке аз онҳо сатҳи пасти дастрасӣ ба интернет дар баъзе минтақаҳои дурдаст мебошад, ки монеаи ҷиддӣ барои истифодаи хизматрасониҳои мобайл-бонкинг ва интернет-бонкинг аст. Илова бар ин, саводнокии молиявии қисми муайяни аҳолӣ ҳануз ҳам нокифоя буда, бисёриҳо аз имкониятҳои рақамӣ ва афзалиятҳои хизматрасониҳои электронӣ пурра огоҳ нестанд.

Ҳамчунин, масъалаи амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти мизоҷон яке аз самтҳои асосии таваҷҷуҳи давлат ва муассисаҳои молиявӣ мебошад. Бо зиёд шудани ҳаҷми амалиётҳои онлайнӣ, хатари ҳамлаҳои киберӣ ва дуздии маълумоти шахсӣ низ меафзояд. Аз ин рӯ, бонкҳо бояд ба системаи муҳофизати рақамӣ, рақамгузорӣ (шифргузорӣ), мониторинги амният ва санҷиши доимии системаҳои худ диққати ҷиддӣ диҳанд.

Бо вуҷуди ин мушкилот, равандҳои мусбат дар рушди инноватсионии соҳаи бонкдорӣ дар Тоҷикистон аллакай ба таври возеҳ намоёнанд. Масалан, истифодаи QR-кодҳо дар нуқтаҳои савдо, пардохтҳои бидуни корт тавассути телефон, барномаҳои мобилии бонкӣ бо имконияти назорати ҳисобҳо дар вақти воқеӣ - ҳамаи ин нишонаи он аст, ки низоми молиявии кишвар ба марҳилаи нави рақамисозӣ ворид шудааст.

Бояд қайд кард, ки инноватсияҳо дар соҳаи бонкдорӣ инчунин метавонанд ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат кунанд. Дастрасии осон ба хизматрасониҳои молиявӣ тавассути телефон ё интернет имкон медиҳад, ки шаҳрвандон бе сарфаи вақт ва хароҷоти зиёдатӣ пардохтҳо, интиқоли маблағҳо ва идораи ҳисобҳои шахсии худро анҷом диҳанд. Ин раванд барои соҳибкорони хурд ва миёна низ муҳим аст, зеро он имконият медиҳад, ки амалиётҳои молиявӣ зудтар, шаффофтар ва бо хароҷотҳои камтар иҷро шаванд.

Дар маҷмӯъ, рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон на танҳо як зарурати иқтисодӣ, балки як пояи муҳими стратегияи рушди устувори кишвар мебошад. Он ба афзоиши рақобатпазирии миллӣ, таҳкими эътимоди ҷомеа ба низоми молиявӣ ва ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат мекунад.

Бо назардошти тамоми ҷанбаҳои зикршуда, метавон хулоса кард, ки рушди инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон яке аз самтҳои калидии рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванд бояд бо ҳамкории наздики давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ гардад. Танҳо дар ин сурат, низоми бонкдорӣ метавонад ба як муҳаррики асосии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ табдил ёбад.

Дар оянда, Тоҷикистон дорои тамоми имкониятҳо барои табдил ёфтан ба як маркази минтақавии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мебошад – бо шарте, ки сиёсати давлатӣ ба сӯи ташаккули муҳити инноватсонӣ, дастгирии кадрҳои ҷавон ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир идома ёбад.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада.***

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии Аъзамова Тахмина Туйчиевна на танҳо дар самти асосноккунии ҷиҳати методӣ ва назарявии рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ, истифодабарии самараноки захираҳои пулии низоми бонкӣ, тавсия ва пешниҳодҳо оид ба такмил додани механизми хизматрасониҳои инноватсионии ташкилотҳои қарзӣ, рушди устувори низоми бонкии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Навгониҳои муҳими таҳқиқоти иҷрошуда, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ баррасӣ шудаанд, аз бандҳои зерин иборат мебошад.

1. Муаллифи рисола дар навгонии якуми худ ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар он равандҳои методии баҳодиҳии навовариҳои электронӣ ва инноватсияҳои бонкро мавриди таҳлил қарор дода, як қатор мушаххасоти илмӣ, ки қабл аз мо наздик ба ин масъала ҳимоя кардаанд муайян намудааст ва ин ба он боис гардидааст, ки кори номбурда аз дигар корҳо фарқ намояд.

2. Дар қисмати дигари навгонӣ унвонҷӯ вобаста ба тағйиротҳои сохторӣ, иттилоотӣ, техникӣ ва технологӣ дар баробари бозори анъанавии бонкӣ ошкор намудани бозори нави электронии бонкӣ, ки тамоми хизматрасониҳо ба таври маҷозӣ бидуни таъсири омилҳои субъективӣ анҷом меёбанд навгонии дигари диссертатсия мебошад ва дар ин самт муаллифи рисола ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидаст. Ҳамчунин як дастоварди дигари илмии унвонҷӯ фарқи бозори анъанавии бонкӣ ва бозори хизматрасониҳои муосири бонкиро бо бартарӣ ва мушкилотҳои ҷойдошта муайяну пешниҳод намудааст, ки ин муваффақияти дигари илмии муаллиф мебошад.

3. Дар навгонии сеюми илмӣ бошад татбиқи шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ бо роҳи фароҳам овардани инфрасохтори зарурии

пардохтӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ба даст овардани эътимоди аҳолӣ таҳқиқу коркард гардида, як қатор муваффақиятҳо ба даст оварда шудааст. Ғайр аз ин, таҳлили ҳолати қаблӣ ва муосири рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо имкониятҳои даврии ташаккул ва рушди кортҳои бонкӣ арзёбӣ гардида, муаллиф иловатан омӯзиши омилҳои асосии таъсиррасон ба бозори кортҳои бонкӣ ва монанди инҳоро дар давраи душвортарин яъне солҳои 2010-2015 ба таври амиқ таҳқиқ намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

4. Дар навгонии ниҳоии худ муаллиф такмили механизмҳои тақвияти амалиётҳои пасандозию қарзӣ дар шакли сифатан навро баррасӣ ва пешниҳод намуда, рушди минбаъдаи онро бо роҳи равандҳои ғайринақдикунонии амалиётҳои таҳқиқу баррасӣ намудааст. Илова бар ҳамаи ин, унсурҳои асосии сифати хизматрасониҳои бонкиро боназардошти дараҷаи рақобатнокии бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия зикр шуд.***

Андешаҳои назариявӣ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия оварда шуда дар рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар саҳмгузор хоҳанд шуд. Ҳамчунин, дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии кори иҷрошуда дар тавсия ва пешниҳодҳо оид ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун алтернативаи нави муфид бо иҷрои амалкардҳои технологӣ дар гузаронидани таҷрибаҳо, коркарди дуруст ва дақиқии маълумот, вобаста ба баррасӣ ва ошкорсозии масъала, дараҷа ва сатҳи басандагии маводҳои таҳқиқшуда, дарёфт ва коркарди омории натиҷаҳои илмии нашршуда ва суханрониҳои унвонҷӯ доир ба мавзуи илмӣ тасдиқи эътимодноки натиҷаҳо зоҳир мегардад.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия***

Натиҷа ва дастовардҳои кори диссертатсионӣ барои рушд ва васеъ намудани ҷанбаҳои методӣ ва методологию илмии таҳқиқот дар самти рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар ҷумҳурӣ, муайян намудани мавқеъи низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар саҳми арзанда мегузоранд.

*Аҳамияти амалӣ ва иқтисодии таҳқиқот*

Тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии амалиётҳои рақамии бонкӣ ҳамчун омили мусоидаткунанда ба рушди иқтисодиёти рақамӣ, танзим, назорат ва такмили минбаъдаи он бо мақсади рушди устувори низоми бонкӣ, паст намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ истифода бурда шаванд.

Ҳамчунин, дар шароити имрӯза низоми бонкӣ, хусусан хизматрасониҳои бонкӣ ба пешниҳодҳо намудани натиҷаҳои таҳқиқот ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нави инноватсионӣ ниёз дорад, ки онҳо аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллахои тақризшаванда*

Вобаста ба мавзуи илмӣ 15 мақолаи илмӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои сатҳи гуногун аз он ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда бо талаботҳои КОА-и назди Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва 9 мақола дар рӯзномаву маҷаллаҳои дигар нашр намудааст.

*Мутобиқати баррасигардонии диссертатсия ба талаботи КОА*

Диссертатсия ба бандҳои меъёриҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

*Мундариҷаи кор, ҷанбаҳои мусбӣ ва норасогиҳо*

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, феҳристи ихтисорҳои истифодашуда, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 9 расм, 12 ҷадвал, 14 диаграмма ва руйхати адабиёти истифодашуда, ки онҳо аз 151 номгӯи дар ҳаҷми 174 саҳифа таҳия шудааст, иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад вазифаҳои объект, мавзуъ, марҳила, асоснокии назарявӣ, асосҳои методологӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот ва ғайра баррасӣ шудаанд.

Дар боби якум «Асосҳои назариявӣ ва методии рушди инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ дар иқтисодиёти муосир» ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои бонкӣ дар низоми иқтисодӣ, асосҳои ташакули равандҳои инноватсионӣ самти хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба талаботҳои бозор ва таҷрибаи хориҷии ташкили хизматрасониҳои

бонкӣ ва имкони истифодаи он дар низоми бонкии кишвар таҳқиқ шудаанд.

Маълум аст, ки дар давраи истиқлолият, бахусус солҳои охир низоми бонкии Тоҷикистон марҳила ба марҳила ба сӯи рақамисозӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ҳаракат дорад. Бонкҳои кишвар бо назардошти талаботи замони рақамӣ бо воситаи ҷорӣ намудани хизматрасониҳои интернет-бонкинг, мобайл-бонкинг, банкоматҳо, терминалҳо ва системаи пардохтҳои ғайринақдӣ барои осон кардани муносибатҳои молиявии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ саҳми назаррас мегузоранд. Дар диссертатсия дуруст қайд шуааст, ки дар шароити муосир бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба яке аз ҷузъҳои муҳими иқтисоди бозорӣ табдил ёфта, айни замон онро ҳамчун омили асосии рушди муваффақиятҳои бонкӣ низ гуфтан мумкин аст. Афзоиши доимии рақобат дар сатҳи низоми бонкӣ ва иқтисодиёт ба он далолат менамояд, ки барои зинда мондан дар чунин тамоюлҳои печидаи рақобат ҳамоҳанг мо равандҳои бисёромилаи ҷаҳонишавӣ ба масъалаи чи тавр фаъолият намудан ва кадом шакли химатрасониро пешниҳод намуда чораандешӣ намуда, стратегияи фаъолияти худро ба ин ҷараён мувофиқ намоянд. Ба ҳамин мақсад ҷир сатҳи фарогир қонеъ намудани талаботи мизоҷон, шаклҳои муосири хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод ва дастраси муштариён гардонад. (Саҳифаи 17)

Ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкиро метавон ҳамчун мафҳуми бозории идоракунии фаъолияти бонк муайян кард, ки ба омӯзши шароити бозор ва иқтисодиёт, ниёзҳои мушахасси муштариёни бонк нигаронида шудааст ва ба талаботи муштариён ҳангоми таҳияи хизматрасониҳои нав ё такмил додани хизматрасониҳои мавҷуда нигаронида шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз восита ва ҷараёни асосии рушди низоми бонкӣ дар иқтисодиёти мамлакат, амалиёт ва хизматрасониҳои бонкиро бо талаботи ҷомеа мувофиқ кардан – асоснок намудани асосҳои ташаккули равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба талаботи бозор мебошад. Унвонҷӯй ин масъала ва муамоҳоро дар зербанди 1.2. таҳлилу таҳқиқ кардааст. (саҳифаҳои 16-29)

Дар боби дуюм «Таҳлили низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» вазъ ва натиҷаҳои хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар, инноватсияҳо дар низоми муосири хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити имрӯза, ва ҳамчунин, бозори хизматрасони қарзию амонатӣ ва баҳодиҳии ҳолати фаъолият молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби унвонҷуй таҳлил шудаанд.

Ба андешаи муаллифи кори диссертатсионӣ, ки асоснок мебошад таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди бухрони (2008) молиявии ҷаҳонӣ собит намуд, ки тақвияти сусти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, рушди номутаносиби бозори хизматрасониҳои виртуалии бонкӣ ва ишғоли бетаамули бозори кортҳои бонкӣ бидуни дар назар гирифтани талаботҳои аҳолӣ ба пули нақд нишон дод, ки сатҳи осебпазирии низоми бонкӣ дар ин ҳолат зиёд мегардад. Вобаста ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт ва огаҳии комили аҳолӣ аз бартариятҳои муосири хизматрасониҳои бонкӣ, заруратеро ба вуҷуд меоварад, ки шумораи бонку ташкилотҳои қарзии низомсоз ва пуриқтидор дар иқтисодиёт зиёд гардида, эътимоди аҳолиро ба низоми бонкӣ афзоиш диҳад. Зеро то кадом андозае, ки бонкҳои пуриқтидор ва рақобатпазир дар иқтисодиёт зиёд гарданд, то ҳамон андоза манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҳифз мегарданд. Таҳлилҳои унвонҷӯй нишон медиҳад, ки суръати рушди низоми бонкӣ бинобар сабаби сатҳи пасти бозори хизматрасонӣ тамоюли манфиро касб намуд ва ин тамоюл дар диаграммаи 2.1. (саҳифаи 59) пешниҳод шудааст.

Дар диаграммаи 2.2 (саҳифаи 63) ва дар шарҳи он вазъи имрӯзаи хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар нишон ва таҳлил шудааст.

Дуруст қайд шудааст, ки рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар он ҳолат имконпазир мегардад, ки инфрасохтори зарурӣ ба таври мутавозин дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ вобаста ба зичии аҳолӣ таъмин карда мешавад. Сатҳи пасти бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар назди мизоҷон боиси аз байн рафтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва дигар масъалаҳои ба ин вобаста мебошад. Дар фаъолияти доманадори бонкҳо яке аз амалиётҳои маъмул ва васеъ паҳнгаштаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ин амалиёти қарзӣ мебошад, ки муосиркунонии ин амалиёт тариқи ғайринақдӣ шарти зарурӣ мебошад. Илова бар ин, дар муқоиса бо дигар амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ амалиёти қарзӣ аз ҳама амалиёти осебпазир ва дорои як қатор нозукӣ мебошад. (саҳифаи 62)

Ҳамчунин дар диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва маводҳои омории дар боби дуюм овардашуда вазъи муосири низоми бонкӣ, натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии кишвар ҳамаҷониба таҳлил шудаанд ва дар якчанд саҳифаҳо пешниҳодҳои диққатҷалбкунанда тавсия шудаанд.

Дар боби сеюм «Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси татбиқи инноватсияҳо» роҳҳо ва равандҳои зерин пешниҳод шудаанд:

1. Гурӯҳбандӣ ва механизмҳои такмили ҳисоббаробаркунӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ

2. Нақши хизматрасониҳои бонкӣ дар рушди самтҳои афзалиятҳои иқтисоди кишвар

3. Масъалаҳои арзёбӣ ва таъмини сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маълум аст, ки ояндаи низоми бонкдорӣ дар Тоҷикистон дар заминаи ҳамгироии васеи технологияҳои молиявӣ (fintech) ва бонкдор қарор дорад. Рақамисозии хизматрасониҳо, истифодаи зеҳни сунъӣ барои таҳлили рафтори мизоҷон, ташкили системаи амнияти киберӣ ва имконияти пардохт тавассути василаҳои рақамӣ мебошанд. Дар чунин шароит, бонкҳо на танҳо муассисаҳои молиявӣ, балки марказҳои технологӣ ва иттилоотӣ низ хоҳанд шуд.

Ин раванд на танҳо таҷдиди сохтори анъанавии бонкдориро дар назар дорад, балки боиси ба вуҷуд омадани як модели нави муносибатҳои молиявӣ мегардад, ки дар он технология, иттилоот ва инноватсия нақши марказиро мебозанд. Ҳадафи асосии рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон – ин таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифат барои тамоми қишрҳои ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги молиявӣ ва таҳкими эътимоди аҳолӣ ба муассисаҳои бонкӣ мебошад.

Унвонҷӯй дар саҳифаи 107 дуруст қайд кардааст, ки дар шароити имрӯза маҷмӯи хизматрасониҳои нави бонкиро, ки он асоси технологияҳои муосир ва бидуни онҳо анҷом дода мешаванд, инноватсияҳои бонкӣ ном дорад, ки он доираи васеъи амалиёт ва хизматрасониҳои бонкиро дар шароити имрӯза дар бар мегирад. Вобаста ба таҳқиқи масъалаҳои муҳими арзёбии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ гуфтан зарур аст, ки ин тамоюл ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мегардад, ки чараёни мазкурро дар шароити ҷаҳонишавӣ пурра дар бар мегирад. Илова бар ин, ташаккул ва густариши шаклҳои нави хизматрасонӣ дар заминаи бунёд ва азнавсозии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба вуҷуд меояд. Ин хулосаи худро дар расми 3.2. «Гурӯҳбандии хизматрасониҳои бонкӣ» нишон додааст, ки қобили истифодабарӣ мебошад. Ҳамчунин модели афзалиятҳо ва мушкилотҳои бозори бонкӣ ва бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир (саҳифаҳои 111-112) аке аз навгониҳои назариявӣ - амалии кори иҷрошуда мебошад.

## КАМБУДИЮ НОРАСОГИҲО

1. Дар зербанди 1.1., ки «Назария ва хусусиятҳои хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми иқисодӣ» ном дорад аз ду қисм иборат мебошад. Якум – масъалаҳои назарияи хизматрасониҳои бонкӣ, дуюм – хусусиятҳои хизматрасониҳои бонкӣ

Қисми якуми зербанд, яъне паҳлуҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ хуб асоснок шудааст. Аммо, муаллиф ба хусусиятҳои хизматрасониҳои бонкӣ кам аҳамият додааст. Хусусиятҳо конкретӣ нестанд.

2. Зербанди 1.2., агар «Давраҳои ташаккули равандҳои ииноватсионӣ дар самти хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба талаботҳои бозор» номгузорӣ мешуд, ба мазмуни зербанд мувофиқ мебуд. Дар саршавии номи зербанд каллимаи «Асосҳои» лозим набуд.

3. Дар саҳифаи 89 дар ҷадвали 2.3. «Таносуби фоизҳои қарз дар бозори бонкӣ барои солҳои 2015-2023» маводҳои лозимӣ ва диққатҷалбкунанда пешниҳод шудаанд. Аммо мазмуни рақамҳо ва таносуби нишондиҳандаҳо хуб таҳлил нашудаанд. Ин эрод ба баъзе дигар ҷадвалҳо ва диаграммаҳо дахл дорад, чунки хулосабарорӣ фақат дар асоси таҳлили ҳамаҷониба имконпазир мебошад.

4. Дар саҳифаи 92 гуфта шудааст, ки «Бонкҳои низомсоз зиёд шуда истодаанд». Аммо номаълум мондааст кадом бонкҳои нави низомсоз таъсис ёфтанд. Бояд бонкҳои низомсоз номбар мешуданд ва дар кадом минтақа ҷойгир шудаанд, ншондиҳандаҳои иқтисодӣ – молиявии онҳо оварда мешуд. Дар он сурат муқариз баҳо медод.

5. Дар ҷадвали 3.3. (саҳифаи 121) таносуби пулҳои захиравӣ ва пулҳои нақд дар солҳои 2017-2022 пешниҳод шудааст. Яке аз нишодиҳандаҳои ҷадвал «нисбат ба ММД бо %». Номаълум нисбати кдом пулҳои захиравӣ ё нақдии ба ММД. ҳамчун, дар давраи таҳлили пулҳои захиравӣ 131% ва пулҳои нақди қариб ду баробар афзоиш ёфтаанд. Сабабҳои нобаробарии афзоиш муаян нашудааст.

Эродҳои болозикр сатҳи баланди назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевнаро коҳиш намедиҳанд ва онҳо асосан тавсиявӣ буда, осон ислоҳшаванда мебошанд.

# ХУЛОСА

Диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» таҳқиқоти илмӣ – назариявӣ ва методию методологӣ буда, дорои тавсияҳои назариявӣ – амалӣ, навгониҳои илмӣ, пешниҳодҳои инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми бонкии кишвар мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршуда мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Аз нигоҳи мазмун, мундариҷа ва шакли баён диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз кори илмиву тахассусӣ буда, дар ҳалли муаммоҳои назариявӣ ва амалии рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ саҳмгузор буда, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 20251, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад. Муалифи он Аъзамова Тахмина Туйчиевна сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи**
**молия ва қарзи Донишгоҳи славянии**
**Россия ва Тоҷикистон (ДСРТ)** **Султонов С.З.**

Суроға:734020, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. М.Турсунзода 30,
Телефон: +992 372213550,
Факс: +992 372213550.
E-mail: sulton@mail.ru
Сомона: http://www.rtsu.tj

**Дурустии имзои «Султонов С.З. »-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ** **Нуриддинов Ҳ.Ҳ.**

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ